«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А. ________
«__» ______ 20__с

# ХУЛОСАИ

## ҷаласаи васеи Шӯрои олимони факултети иқтисод ва бизнеси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Диссертатсия Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ дар мавзӯи "Такмили танзими омили экологӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти минтақа: назария ва амалия", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дар кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва бизнеси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода гардидааст.

Дар марҳилаҳои омода намуданаи диссертатсия Маҳмадалӣ Б.Н. ҳамчун докторанти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории факултети иқтисод ва бизнеси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуд. Ҳамзамон ӯ аз соли 2017 то имрӯз ба ҳайси доктаранти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ фаъолият менамояд.

Маҳмадалӣ Бахтиёр соли 1993 Донишгоҳи давлатии Ростови лаби Дон ба номи М.А. Суслови (дорандаи ордени Байрақи Сурхи Меҳнат) Федератсияи Россияро аз рӯи ихтисоси сиёсатшинос, омӯзгори фанҳои сиёсӣ (диплом ЦВ №499949) хатм намуд.

Соли 2002-Донишкадаи андоз ва ҳуқуқи Тоҷикистон аз рӯи касби иқтисодчӣ-бозраси андоз (Аълочӣ, диплом ТСН № 0034169);

Соли 2005-Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшинос (Диплом ДТО №0007268);

Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ соли 2015 дар мавзӯи "Танзими давлатии муносибатҳои экологӣ-иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз рӯи ихтисосӣ 08 00 01 – назарияи иқтисодӣ дифоъ намудааст. (Диплом № 023073).

Мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз таърихи 03 майи соли 20217 таҳти протоколи №9/6.2 тасдиқ шудааст.

Мушовири илмӣ Шарифзода Муъмин Машокир, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мебошад.

Вобаста ба натиҷаҳои муҳокимаи рисолаи Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ дар мавзӯи "Такмили танзими омили экологӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти минтақа: назария ва амалия" хулосаи зерин қабул гардид:

**Арзёбии диссертатсияи унвонҷӯ.** Диссертатсияи Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ актуалӣ буда, кори мустақилона ва анҷомёфтаи тадқиқотӣ оид ба такомули

механизми танзими омили экологӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти минтақа Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гаштааст.

**Мақсади таҳқиқот** ин асосноккунии назария методология ва коркарди чорабиниҳои амалӣ оид ба самаранок ташаккули низоми экологӣ – иқтисодӣ дар минтақаҳои алоҳида ба шумор меравад.

Мутобиқан ба мақсади ба миён гузошта **вазифаҳои зерин** муайян карда шудаанд:

- илман асоснок намудани зарурияти ҳалли муаммоҳои экологӣ дар қаламравӣ фазо ва таҳқиқ кардани эволютсияи консепсияҳои рушди устувори минтақа;
- таҳқиқ намудани ҷанбаҳои ниҳодии ташаккули низоми экологӣ дар иқтисодиёти минтақа дар давраи муосир;
- муайян намудани усулҳои арзёбии вазъи экологӣ минтақа дар назария ва амалияи илмӣ иқтисодӣ;
- арзёбӣ кардани ҳолат принсипҳои ташаккули фаъолияти ҳифзи табиат ва идоракунии он дар иқтисодиёти бозор;
- омӯхтани таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба идоракунӣ ва ташкили ҳифзи табиат дар давраи муосир;
- таҳлил намудани ҳолати муосири вазъи экологии минтақаҳои вилояти Суғд, муайян намудани муаммоҳои он;
- дарёфти омилҳое, ки ба вазъи экологӣ тасиррасонанда дар минтақа;
- арзёбӣ намудани механизми экологӣ дар беҳтар гардонидани муҳити сармоягузорӣ дар минтақа;
- муайян кардани роҳҳои баланд бардоштани такмили ба нақшагирии минтақавии ҳифзи табиат ва танзими сарбории техногенӣ;
- сохтани тамсилаи пешгӯикунии оид ба вазъи экологӣ дар самти рушди устувории иқтисодиёти вилояти Суғд;
- пешниҳод намудани тавсияҳо оид ба беҳтар намудани вазъи экологӣ дар низоми таъмини рушди устуворӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар инкишофи назария, методологияи таҳқиқи омили экологӣ ва коркарди низоми тадбирҳои амалӣ оид ба ҳал ва танзими муаммоҳои экологӣ дар самти ноил гаштан ба рушди устувори минтақа зоҳир мегардад.

Муқарраroти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот, ки навгониҳои илмиро дар бар мегиранд, инҳоанд:

- мундариҷаи консепсияи рушди устувор чун парадигмаи ҳалли муаммоҳои экологӣ дар сатҳҳои гуногуни (мега – ,макро-, мезо -, микросатҳ) дар асоси муносибати низомманд ғанӣ гардонида шудааст. Дар асосии он исбот гардидааст, ки таъмини устуворӣ дар дохили худи низом ва хосиятҳои он гузошта шудааст: қобилият ба худинкишоф, худтанзимкунӣ, муқобилат ба омилҳои ноустуворкунанда, ҳамчунин мавҷудияти ҳамкории мутақобилаи ҳамаи зернизомҳоро таъмин мекунанд;

- шарҳи муаллифии принсипҳои таъмини рушди устувории иқтисодиёти минтақа додашудааст. Тибқи он алоқамандии сатҳи баланди иҷтимоию

иқтисодӣ минтақа бо низоми дар худ иҳотакунандаи он, яъне муҳити табии асоснок карда шудааст, ки зарурияти ҳатмӣ ба инобат гирифтани принсипҳои зерин пешниҳод гардидааст. а) коркарди лоиҳа рушди иқтисодӣ бояд ба низоми экологии таъмини ҳаёти аҳолӣ мувофиқат кунад; б) тақсими одилонаи захираҳо ва имкониятҳо на танҳо барои насли аҳолии муосири, балки барои наслҳои оянда, ҳамчунин барои ҳайвоноту наботот мутобиқат намояд; в) самаранокии сармоягузорӣ дар асоси андозаи ҳиссавӣ беҳтар гардонидани сармояи табии он арзёби карда шавад;

- исбот шудааст, ки дар раванди густариши муносибатҳои иқтисодиёти бозорӣ мақсади асосии субъектҳои хоҷагидорӣ ба даст овардани фоида мебошад, ки он дар бештар ҳолатҳо пайваста бо суистисмори заҳираҳои табиӣ, вайронгаштани муҳити зист дар таъмини рушди иқтисодиёти минтақаҳо амалӣ мегардад, ки минбаъда таъсири манфӣ ба фаъолияти ҷамият дорад, сатҳи ифлосшавии табиатро ба вуҷуд оварда, қонеъ гардондани талаботиояндаи аҳолиро зери хавф мегузорад. Нишон дода шудааст, ки характери комплексии тадбирҳо оид ба ҳалли муаммоҳои экологи баҳри беҳтар намудани муҳити зист мусоидат намуда, ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувори иқтисодиро бояд таъмин хоҳад кард.

- асоснок гардидааст, ки услуби арзёбии ваъзи экологӣ дар илми муосири иқтисодӣ бисёрҷабаҳа ва гуногун буда, интихоби он барои истифодабарӣ аз ҳадафҳои таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар минтақаҳои алоҳида вобаста аст. Гурӯҳбандии нишондиҳандаҳои арзёбии вазъи экологӣ дар самтҳои зерин сурат гирифтааст: а) дастрасии технологияҳои инноватсионие, ки ба экология, равонакарда шудааст дастрас мебошанд ҳисоб карда шудааст; б) таҷдидшаванда, ки ҳамчун “коэффисиенти самараноки” ҳиссаи хароҷоти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳаллӣ ба масъалаҳои экологӣ дар маҷмуаъи маҳсулоти минтақа (ММ) барои ҳар як гурӯҳи хароҷот; г) сохторӣ, ки аз ҷихати нишондиҳандаҳои самаранокии субъектҳои иқтисодиро дар минтақа муайян менамояд;

- мудаллал гардидааст, ки дар минтақа партови обҳои ифлосшуда солҳоии охир ба маротиб зиёд шуда боиси вайрон гаштани муҳити зист гардидааст. Исбот карда шудааст, ки муаммоҳои экологӣ дар вилояти Суғд дар солҳои охир шадид гардида тамоюли афзоиш дорад, ки он бо зиёдшавии иқтидорҳои саноатӣ, миқдори воситаҳои нақлиётӣ дар байни аҳолӣ, бо мақсади дарёфти фоида ғайрисамаранок истифодабарии захираҳои табиӣ, бо техникаи технологияи фарсудаву кухна алоқаманд аст. Мудаллал гардидааст, ки вилояти Суғд дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ аз рӯи паҳн намудани моддаҳои зарарнок аз манбаъҳои доимии ихроҷ ба ҳавои атмосфера мавқеи саввумро дорад, сарбории он ба ҳудуди минтақа, инчунин ба ҳар як нафар аҳолии вилоят низ тамоюли афзоиш дорад, ки мақомотҳои маҳаллии давлатии иҷроия бояд таваҷҷуҳи хоса диҳад.

- муайян шудааст, ки тибқи меъёри ба ҳавои атмосфера паҳн намудани моддаҳои зарарноки тозанашуда аз манбаҳои доимии ихроҷ вилояти Суғд дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ мавқеи дуввумро дорад. Сабабҳои асосии вазъи мазкурро бо далелҳои зерин алоқаманд аст: - мавҷудияти зиддият байни

субекти иқтисодии минтақа бахри таъмини рушд; - манфиатҳои субъектҳои хоҷагидорӣ бо таъмини амнияти экологӣ; - нокифоя будани маблағгузорӣ барои ҳифзи муҳити зист; - номувофиқати техника, технологияи мавҷуда дар соҳаи саноат ва талаботу стандартҳои экологӣ; - тафаккури сусти маърифати экологӣ дар байни аҳолӣ; - сатҳи нокифояи тахассусмандии захираҳои меҳнатӣ дар истеҳсолоти молу хизматрасониҳо;

- исбот карда шудааст, ки дар вилояти Суғд аз рӯи консентратсия бештари моддаҳои ифлоскунандаи ҳаво шаҳрҳои Хуҷанд, Панҷакент, ноҳияҳои Б. Ғафуров ва Айни пешсафанд, ки бо сатҳи баланди зичии ҷойгиршавии корхонаҳои саноатӣ ва аҳолӣ дар ин ҳудудҳо вобаста аст. Ҳамзамон мудаллал гардидааст, ки соф (безарар) кардани партовҳои аз манбаҳои доимии ифлоскунандаи ҳавои атмосфера дар шаҳру ноҳияҳои номбаршуда (бо истиснои ш. Панҷакент) сатҳи баландро дошта бошад ҳам, минбаъд дар ҳалли муаммоҳои экологӣ бахри таъмини рушди устувор ҷалби сармоягузориро самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии худ қабул намояд.

- асоснок карда шудааст, ки бакордарории фондҳои асосӣ (муҷаҳазгардонии техника, технологияи инноватсионӣ) дар ҳудуди вилояти Суғд ҳоло ба мақсади сиёсати танзими муаммоҳои экологӣ ва рушди иқтисодӣ ҷавобгӯ намебошад. Зеро ҳиссаи сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ нисбат ба маҷмӯаи маҳсулоти минтақа дар солҳои охир тамоюли пастшавӣ дорад. Новобаста аз он мудаллал гардидааст, ки аз рӯи критерияи бакордарории фондҳои асосӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ ш. Душанбе, дар байни шаҳру ноҳияҳои зерини вилояти Суғд бошад Хуҷанд, Б. Ғафуров, Исфара, Ҷ. Расулов, пешсаф буда, дар сафи ақиб мондаҳо Айни, Деваштич, Зафаробод, Кӯҳистони Мастчоҳ, Шаҳристон мебошад. Исбот гардидааст, ки бояд аз навсозии фондҳои асосӣ бо унсури нави инноватсионӣ дар корхонаҳои истеҳсолии шаҳру ноҳияиҳои вилоят таваҷҷуҳ дода шавад;

- асоснок гардидааст, ки дар сиёсати сармоягузории ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи гӯшаҳои нодири табиат бо назардошти ваъзи экологии вилояти Суғд ташкили мамнунгоҳҳо, паркҳои табиӣ, парваришгоҳҳо ба назар гирифта амалӣ карда шавад, ки ҳоло онҳо дар ҳудуди вилоят мавҷуд нест. Зеро ҳоло манзараҳои нотакрори баландкуҳҳо ноҳияҳои Шаҳристон, Кӯҳистони Мастчоҳ, Деваштич, Исфара, наботот ва ҳайвонотҳо дар ин манзилҳо дар зери хатари нобудшавӣ қарор дорад.

- коркарди амсилаи иқтисодии-математикӣ бахри арзёбии миқдории равобит байни муаммоҳои экологӣ (афзоиши партовҳои зарарнок ба ҳавои атмосфера) ва нишондиҳандаҳои иҷтимоиву иқтисодии вилояти Суғд, ки зеро рушди фаъолнокии истеҳсоли сарбории бевосита ба муҳити зист доро мебошад. Дар асоси ҳисобҳо муайян гардидааст, ки байни онҳо равобити зич мавҷуд буда дар шароити муосир афзоиши моддаҳои зараровар ба атмосфера нисбат ба омилҳои, якум, шумораи корхонаҳои саноатӣ, дувум сатҳи рушди маҷмӯаи маҳсулоти минтақа нисбатан ҳасос аст. Исбот гардидааст, ки дар эҳёи корхонаҳои саноатӣ бештар ташкили онҳо бо технологияҳои инноватсионӣ ба экология нигаронидашуда аҳамият дода шавад.

- асоснок карда шудааст, ки ҷанбаи муҳими танзими вазъи экологии минтақа таъсиррасонӣ муҳити зист ташкили механизми салоҳиятдори маблағгузорӣ ва қарздиҳӣ оид ба ҳифзи экологӣ мебошад. Дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ, имкониятҳои маблағгузории буҷет хеле маҳдуданд ташкили "Фонди маҳаллии экологӣ" мувофиқи мақсад аст, ки бояд ҳаммаи сарчашмаҳои, яъни буҷавӣ, ғайрибуҷавӣ, ҷаримаҳо, маблағҳои хайриявӣ, соҳибкорӣ ва ғайраҳо ғанӣ карда шаванд. Фонди мазкур манбаи таъиноти махсус дошта барои эҳтиёҷоти дигар истифода нашавад.

- коркард ва пешниҳоди маҷмуаи тадбирҳо оид ба самаранок идоранамудани рушди экологиву иқтисодии минтақа, ки қисматҳои зеринро дар мегирад: - дар самти идоракунии партовҳо; дар равияи баланд бардоштани маърифати экологӣ; васеъ намудани инфрасохтори экологӣ; дар соҳаи ба экология нигаронидашудаи фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ; васъе намудани сарчашмаҳои моливию иқтисодӣ; паст кардани таъсири ҳолати техногении наклиёти автомобилӣ ва ғайра, ки ҳар яки он чорабиниҳои махсусро дар бар мегирад.

**Иштироки шахсии муаллиф дар ҷараёни ба даст овардани натиҷаҳои дар диссертатсия баёншуда.** Диссертатсия кори мустақилонаи илмӣ – таҳқиқоти муаллиф ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби унвонҷӯ ба таври мустақилона воқеияти мавзӯъ асоснок карда шуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян сохта шудаанд, асосҳои назариявӣ рушд дода шуда, тавсияҳои илмиву амалӣ оид ба таъмини рушди иқтисодии дар бахши экологӣ коркард гардида, ба тасвиб расидаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва методии диссертатсияро** натиҷаю хулосаҳои дар намуди муқаррароти мушаххаси илман асоноки ба даст омада ташкил мекунанд, ки онҳоро мақомоти минтақавии ҳокимияти иҷроия ҳангоми коркарди пешниҳодҳо оид ба таҷдиди сиёсати давлатии минтақавии экологиву иқтисодӣ истифода бурда метавонанд. Муқаррароти назария ва амалии кори диссертатсионӣ ҳамчунин мумкин аст дар раванди таълим дар доираи курсҳои фанҳои иқтисодӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Натиҷаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ба даст овардашудаи тадқиқоти диссертатсионӣ дар ҷараёни таълим барои омода намудани бакалаврон, магистрантон ва докторантон, барои хондани фанҳои махсус, ба монанди "Иқтисодиёти минтақавӣ", "Иқтисодиёт ва истифодабарии сарватҳои табиӣ", "менеҷменти экологӣ ва аудит" ва ғайра истифода шуданаш мумкин аст.

Натиҷаҳои диссертатсия дар 19 мақолаи илмии нашриҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия эътирофгардида дар ҳаҷми 5,6 ч.ч., дар 7 монографияи илмӣ дар ҳаҷми 59,7 ч.ч. ва 23 мақолаи илмии дар дигар нашриҳо чопшуда дар ҳаҷми 5,3 ч.ч. инъикос ёфтаанд.

**Мундариҷаи асосӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар интишороти мазкур ба табъ расидаанд:**

**Монографияҳо:**

1. **Махмадалиев Б.Н.** Вопросы интеграции экологии и развития экономики в Республике Таджикистан / Махмадалиев Б.Н. // Научная монография рекомендовано к печати научно-методическим Советом Финансово-экономическом институте Таджикистана протокол №9 от 24.04.2016г. - Душанбе: Издательство «Шарки озод», - 2016. – 144 стр.
2. **Маҳмадалӣ Б.Н.** Асосҳои маркетинг / Набиев Т.Т., Шукуров К.И., Маҳмадалӣ Б.Н., Акрамов Ш.А. // Вазорати маориф ва илм, Донишгоҳи Славянии Тоҷикистону Русия, Коллеҷи кӯҳии ба номи С.Юсупова - Душанбе, - 2018. – 310 саҳ.
3. **Маҳмадалӣ Б.Н.** Устойчивый экономический рост Таджикистана в условиях рыночной экономики (монография) / Маҳмадалӣ Б.Н. // Технический колледж ТТУ имени академика М.С. Осими - Душанбе, - 2018. – 169 саҳ.
4. **Маҳмадалӣ Б.Н.** Луғати мухтасари истилоҳоти иутисодию иҷтимоӣ / Маҳмадалӣ Б.Н. // Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Коллеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон - Душанбе, - 2018. – 45саҳ.
5. **Маҳмадалӣ Б.Н.** Иқтисодиёти саноати кӯҳӣ. Маҳмадалӣ Б.Н., Мирзоев Э.Р.// Китоби дарсӣ. ҶДММ "Аржанг", - Душанбе, - 2020. – 215 саҳ.
6. **Маҳмадалӣ Б.Н.** Менеҷменти экологӣ. / Маҳмадалӣ Б.Н., Саидов М.К., Ғаффоров С.Ҷ., Раҳматов А.А. // Китоби дарсӣ. Нашриёти "Меъроҷ"- Бӯстон, - 2021. – 161 саҳ.
7. **Маҳмадалӣ Б.Н.** Рушди устувори иқтисодиии минтақаҳои Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозоргонӣ / Маҳмадалӣ Б.Н. // Дастури илмӣ. – Бӯстон, -2021. – 127 саҳ.

**Мақолаҳое, ки дар нашриёҳои тақризии бонуфузи аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия тавсияшуда ба табъ расидаанд:**

1. **Махмадалиев Б.Н.** Муҳоҷирати меҳнатӣ ва пайомадҳои иқтисодии он дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо/ Махмадалиев Б.// Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 3 (41). – Душанбе, 2014. – С. 120 - 124.
2. **Махмадалиев Б.Н.** Модернизация экологической системы Республики Таджикистан / Махмадалиев Б.Н. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук № 2/3 (165). – Душанбе, 2015. – С. 87-89.
3. **Махмадалиев Б.Н.** Оценка действий механизмов экономико – экологического регулирования и особенности устойчивого природопользования в Таджикистане / Махмадалиев Б.Н. // Вестник Таджикского национального университета - № 2/7 (213)– Душанбе, 2016. – С.118-123.
4. **Махмадалиев Б.Н.** Проблема рекультивации отвалов и радиоактивных отходов хвостохранилищ в Таджикистане / Махмадалиев

Б.Н. // Вестник Таджикского национального университета. – № 2/2 – Душанбе, - 2017. – С. 176-179.
5. **Мамадалиев Б.Н.** Эколого-экономические связи и необходимость развития бизнеса в Таджикистане / Вестник Таджикского национального университета. – № 2/3 (201)– Душанбе, 2016. – С. 28-29.
6. **Махмадалиев Б.Н.** Тоҷикистон дар қатори кишварҳои пешсафи истеҳсоли энергияи «сабз» ва саҳми CASA – 1000 дар рушди оянлаи кишварҳои минтақа / Махмадалиев Б.Н // Вестник Таджикского национального университета.. – № 2/3 – Душанбе, 2017. – С. 169-171.
7. **Маҳмадалӣ Б.Н.** Оценка эколого-экономической ситуации в регионах Республики Таджикистан/ Махмадали Б.Н., Юсупов Х.М. // Ученые записки. Серия естественные и экономические науки. – 2021.- №3(58) - С.123-129.
8. **Маҳмадалӣ Б.Н.** Совершенствование регионального эколого-экономического механизма природопользовния для обеспечения устойчивого развития/ Махмадали Б.Н.// Горный Вестник Узбекистана - 2022 №3(90) – С -106 - 108.
9. **Махмадалиев Б.Н.** Методы оценки эколого- экономического состояния региона теория и практика экономической науки / Махмадалиев Б.Н. // Вестник Таджикского национального университета серия социально-экономических наук – № 8– Душанбе, - 2022. – С. 63 -71.
10. **Махмадалиев Б.Н.** Проблемы разработки концепции экологического менеджмента/ Махмадали Б.Н. // Вестник Таджикского государственного университета коммерции – № 3(42)– Душанбе,- 2022. С. 20-24.
11. **Маҳмадалӣ Б.Н.** Танзими экологӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти минтақа / Махмадали Б.Н. // Маҷалаи илмию назариявӣ ва истеҳсолии “Кишоварз”– № 3(96)– Душанбе,- 2022.- С.54-58.
12. **Маҳмадалӣ Б.Н.** Управление процесом разработки и инвестиционной политики развития региона с утетом местной эколого-экономической ситуации / Махмадали Б.Н. // “Вестник университета” ( Росийско – Таджикский (Славянский) уневерситет) – № 2(47) стр.45-50 2022.
13. **Маҳмадалӣ Б.Н**. Механизми экологӣ хамчун омили бетаргардонии мухити сармоягузории минтака / Шарифзода М.М., Махмадали Б.Н. // Паёми молия ва иктисод № 2(31)– Душанбе,- 2022.- С.14-20.
14. **Маҳмадалӣ Б.Н.** Вазъи рушди бозори минтақавӣ дар шароити ташаккули низоми экологӣ / Шарифзода М.М., Маҳмадалӣ Б.Н. // Паёми молия ва иқтисод № 3(32)– Душанбе,- 2022.- С.30-35.
15. **Махмадали Б.Н.** Баъзе ҷабҳаҳои рушди устувори экологии саноат / Махмадали Б.Н. // Паёми молия ва иктисод № 4(33)– Душанбе,- 2022.- С.15-20.
16. **Маҳмадали Б.Н**. Модернизация инженерного образования в Республики Таджикистан на основе стандартов CDIO// Махмадали Б.Н., Умаржонов А.А.// Горный журнал №2 (6039) РФ, 2022 С.10-21

**17. Маҳмадалиев Б.Н.** Категории «инновация», «экономика образования» и «концепсия устойчивого развития» в национальном экономике республики таджикистан/ Исмаилов Ш.М., Махмадалиев Б.Н// Вестник педагогического университета №1 (62-1) Душанбе 2015. С.163-166.

### *б) мақолаҳои дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳо ба нашр расида:*

**18. Махмадалиев Б.Н.** Андози иҷтимоӣ ва роҳҳои такмили он дар иқтисодиёти имрӯза / Ҷумъабоев Х.Қ., Махмадалиев Б.Н. Шукурос С.М. //"Назария ва амалияи рушди соҳаҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" маодҳои конференсияи илмӣ- амалии ҷумҳуриявӣ. ш. Душанбе Душанбе 10 ноябри соли 2015. – Душанбе, 2016. – С. 130-133.

**19. Махмадалиев Б.Н.** Эколого – экономические связи и необходимость развитие бизнеса в Таджикистане / Махмадалиев Б.Н., Джумабоев Х.К., Исломов Т.С. // Материалы международной научно-практической конференции на тему «Эффективность управления государственными финансами и его значение в устойчивом развитии национальной экономики» (Душанбе, 1-2 декабря 2016 г.). – Душанбе, 2016. С. -48-53.

**20. Махмадалӣ Б.** Таҳлили фаъолияти истеҳсолӣ-иқтисоди дар минтақа ва баҳодиҳии рушди он / Махмадалӣ Б. // Конфронси илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ – Муаммои муосири коркарди канданиҳои фоиданок. – Бӯстон, - 2017. С.115-118.

**21. Махмадалӣ Б.** Муаммои обтақсимкунии бо обтаъминкунӣ ва дигар хизматрасониҳо дар минтақа / Махмадалӣ Б. // Конфронси илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ – "Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, 2018-2028". – Бӯстон, - 2017. С.54-56.

**22. Махмадалӣ Б.Н.** Хусусиятҳои табиӣ – ҷуғрофии минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон / Махмадалӣ Б.Н. // Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ. Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Таъминоти инноватсионии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ" Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур– Матбааи ҶДММ "IRAM 2017"-Душанбе, - 2018. – С. 120-124

**23. Махмадалӣ Б.Н.** Муаммоҳои безарарсозӣ ва коркарди партовҳои конҳои канданиҳои фоиданок / Махмадалӣ Б.Н., Акрамов Ш., Мирзоев Э.Р. // Конфронси илми – амалӣ ҷумҳуриявӣ – Муаммоҳои муосири маҷмӯи саноати кӯҳӣ – металлургӣ ва энергетикаи Чумҳурии Тоҷикистон. – Бӯстон, - 2018. С.25-28.

**24. Махмадалӣ Б.Н.** Таҳлили макроиқтисодии қисми даромади буҷети давлатӣ дар даврони истиқлолият/ Махмадалӣ Б.Н., Ниёзов М.Б. // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ "Техника ва технология: масъалаҳои асосӣ, дастовардҳо ва навоварӣ" Коллеҷи техникии донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ – Душанбе, - 2018. С.59-63.

**25. Махмадалӣ Б.Н.** Мотиватсияи меҳнати кормандон дар системаи муосири муносибатҳои иқтисодӣ / Маҳмадалиев Б.Н.. // Донишкадаи соҳибкорӣ ва

хизмат. Конфронси илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ – Мушкилоти баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар корхонаҳои тиҷоратӣ. – Душанбе, - 2019.
**26. Махмадалӣ Б.Н.** Истифодаи таҳлили иқтисодӣ дар системаи идоракунии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории зиддибуҳронӣ / Маҳмадалиев Б.Н., Акрамов Ш., Набиев Т.Т., Мирзоев Э.Р. // Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат. Конфронси илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ – Мушкилоти баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар корзонаҳои тиҷоратӣ. – Душанбе, - 2019.с.137-142.
**27. Махмадалӣ Б.Н.** Дастгирии ташкилӣ ва методологияи равандҳои ташаккул ва фаъолияти марказҳои логистикӣ / Маҳмадалиев Б.Н.., Акрамов Ш., Мирзоев Э.Р. // Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат. Конфронси илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ – Мушкилоти баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар корхонаҳои тиҷоратӣ. – Душанбе, - 2019.
**28. Махмадалӣ Б.Н.** Нерӯғунҷоиши истеҳсоли хоҷагии қишлоқ / Маҳмадалиев Б.Н., Акрамов Ш., Мирзоев Э.Р. // Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат. Конфронси илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ – Мушкилоти баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар корхонаҳои тиҷоратӣ. – Душанбе, - 2019.
**29. Махмадалӣ Б.Н.** Ҳолат ва имконияти рушди энергияи бод дар хоҷагии қишлоқ/ Маҳмадалиев Б.Н.., Мирзоев Э.Р., Мирзоев Х.А. // ДДО ба номи С.Айнӣ. Конфронси илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ. Нақши ҳунарҳои мардумӣ ва пойдории фарҳанги миллию – Душанбе, - 2019.
**30. Махмадалӣ Б.Н.** Методы и основы управления развитием промышленного производства в условиях цифровой экономики региона / Маҳмадалӣ Б.Н.// Маводҳои конфронси илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ, «Соҳаи кӯҳкорӣ ва металлургия яке аз заминаҳои асосии саноатикунонии босуръати кмшвар». – Бӯстон, 2020. С. 81-83.
**31. Махмадалӣ Б.Н.** Иқтисодиёти рақамӣ: мафҳум, хусусиятҳо ва дурнамо дар бозори Тоҷикистон / Маҳмадалӣ Б.Н., Облоқулов В.М., Раҳматов А.А., Мавлонов М // Маводҳои конфронси илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ, «Муаммоҳои ташаккули металлургияи рақамӣ ва мошинсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Бӯстон, 2021. С. 47-49
**32. Махмадалӣ Б.Н.** Кросс-кластерное взаимодействие как модель формирования сетевой экономики ЕАЭС / Маҳмадалӣ Б.Н., Ниязова С.К., Мавлонов М // Маводҳои конфронси илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ, «Муаммоҳои ташаккули металлургияи рақамӣ ва мошинсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Бӯстон, 2021. С. 43-47.
**33. Махмадалӣ Б.Н.** Иқтисодиёти рақамӣ ҳамчун механизми сиёсати муассири экологӣ ва иқтисодӣ / Маҳмадалӣ Б.Н., Ниязова С.К., Саидов М.К, Мавлонов М // Маводҳои конфронси илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ, «Муаммоҳои ташаккули металлургияи рақамӣ ва мошинсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Бӯстон, 2021. С. 41-43
**34. Махмадалӣ Б.Н.** Проектирование инженерных образовательных программ в соответствии со стандартами подхода CDIO – залог успешной международной аккредитации / Маҳмадалӣ Б.Н., Умарҷонов А.А. // Маводи конференсияи 2-юми илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ "Идораи сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон", бахшида ба 30-

солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.ДПДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ – Хуҷанд, 2021. С. 253-262.
**35. Маҳмадалӣ Б.Н.** Технологияи замонавии таълими электронӣ / Маҳмадалӣ Б.Н. // Маводҳои конфронси илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ, «Фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун омили рушди босуръати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар саноат». – Бӯстон, 2021. С. 55-58.
**36. Махмадалӣ Б.Н.** Иштироки муассисаи олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли муаммоҳои глобалии обӣ / Маҳмадалӣ Б.Н., Разыков З.А., Хоҷибоев Д.Д. // Конфронси байналмилалӣ илмӣ амалӣ дар мавзӯъи "Масоили ҷаҳонии экобиологӣ ва таъсири он ба муносибатҳои байнамилалӣ ва раванди глобализатсионӣ. – Душанбе, 2021.
**37. Маҳмадалӣ Б.Н.** Иқтисоди рақамӣ: Пешрафти технологӣ ва истифодаи таҷҳизот бо усулҳои нав / Маҳмадалӣ Б.Н. Облоқулов В.М. // Маводҳои конфронси илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ, «Масъалаҳои мубрами илмҳои табиӣ, дақиқ, риёзӣ ва техникӣ дар рушди саноат». – Бӯстон, 2022. С. 5 - 8.
**38. Mahmadali B.N**. Improvement of environmental and economic mechanism to increase the investment attractiveness of region of the republic of Tajikistan / Mahmadali B.N. // Polytechnic Institut jf Porto "Journal P.PORTO" (Portugal).25$^{th}$ May 2022.
**39. Махмадалӣ Б.Н.** Эволютсияи назарияи рушди устувор дар низомҳои иқтисодии - иҷтимоӣ / Маҳмадалӣ Б.Н. // Конфронси илмӣ - амалии байналмилалӣ "Истифодабарии захираҳои табиӣ, экология ва рушди устувор" дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" солҳои 2018-2028 Душанбе, 2022.С.143-149.
**40. Махмадалӣ Б.Н.** Асосҳои низоми экологӣ дар иқтисодиёти минтақа/ Маҳмадалӣ Б.Н. // Конфронси илмӣ - амалии байналмилалӣ "Истифодабарии захираҳои табиӣ, экология ва рушди устувор" дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор" солҳои 2018-2028 Душанбе, 2022.С.150 -157.
Маҷлиси васеи Шӯрои олимони факултети ҷаласаи васеи Шӯрои олимони факултети иқтисод ва бизнес Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон дар ҳайати муқарризон:

- **Кошонава Манзура Раҳматуллоевна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор кафедраи молия Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон;

- **Хоҷаев Павриз Давронович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон;

- **Мирсаидов Саидакмал Аврорович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукӣ Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон;

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ дар мавзӯи “Такмили танзими омили экологӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти минтақа: назария ва амалия”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад.

2. Бо назардошти аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзӯи диссертатсионии пешниҳодшуда, дурустии муқаррароти илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, навоварии илмии натиҷаҳои бадастомада, баррасиҳои мусбати д.и.и, профессор Кошонава Манзура Раҳматуллоевна, д.и.и., дотсент Ҳоҷаев Павриз Давронович д.и.и, дотсент Мирсаидов Саидакмал Аврорович мушовири илмӣ, д.и.и., профессор Шарифзода М.М. рисолаи доктории Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ дар мавзӯи “Такмили танзими омили экологӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти минтақа: назария ва амалия”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-013-и назди ДДҲБСТ пешниҳод карда шавад.

3. Иҷрои қарори мазкури Шӯрои олимони факултети иқтисод ва бизнеси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба декани факултет, раиси маҷлис, н.и.п., дотсент Сатторзода Б.А. вогузор карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси васеи Шӯрои олимони факултети иқтисод ва бизнеси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон якдилона қабул карда шуд.

Дар овоздиҳӣ оид ба масъалаи мазкур 25 нафар иштирок доштанд.
Натиҷаи овоздиҳӣ чунин муайян гардид:
“тарафдор” – 25 нафар,
“зид” – нест,
“бетараф” – нест.

Рафти баргузории маҷлиси васеи Шӯрои олимони факултети иқтисод ва бизнеси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва қарорҳои қабулкардашуда дар суратҷаласаи №9, аз 02 апрели соли 2022 тасдиқ гардидааст.

Раиси ҷаласа, декани факултети
иқтисод ва бизнес, ДДМИТ
н.и.п., дотсент — Сатторзода Б.А.

Котиби маҷлиси Шӯрои олимони
факултети иқтисод ва бизнес, ДДМИТ — Шодиев Ф.Т.

Муқарризон:
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор кафедраи молия,
ДДМИТ — Кошонова М.Н.

доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ,
ДДМИТ Хоҷаев П.Д.

доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукӣ,
ДДМИТ Мирсаидов С.А.

Имзоҳои Сатторзода Б.А., Шодиев Ф.Т.,
Кошонова М.Н., Хоҷаев П.Д., Мирсаидов С.А. -ро
тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға:
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14,
ДДМИТ www tgfeu@tgfeu.tj
Тел: (992) 231-08-43 Котибот: (992) 227-30-75